**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 121/2с

аз «17» 09 соли 2022

Вазорати рушди
иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №497" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа уҳдадориҳо барои муаллифон, ихтироъкорон ва соҳибкорон вобаста ба гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ва амалӣ намудани расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ ифода меёбанд.

3. Маҳдудиятҳо барои субъектҳои болозикр дар лоиҳаи мазкур пешбинӣ нагардидааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад. Андозаҳои пешбинигардидаи пардохтҳои ҳатмӣ бо мақсади ҳавасмандгардонию дастгирии ихтироъкорон, соҳибкорон ва дорандагони ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ тағйир дода шуда, тақрибан 12 фоиз коҳиш дода шуданд.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ва амалӣ намудани расмиёти бақайдгирии ихтироъ, намунаи саноатӣ ва тамғаи молӣ мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни тоҷикӣ ва русии лоиҳа бартараф карда шаванд;
- дар сархати сеюм ва чоруми банди 1 матни русии лоиҳа калимаҳои “строке” ба калимаҳои “строки” иваз карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.